## Фарҳанг ва забони русӣ

Барои бо муҳити Россия мутобиқ шудан ба Шумо тавсия медиҳем, ки бештар бо аҳолии маҳаллӣ муошират кунед, дӯстон пайдо кунед, дар чашнҳо иштирок кунед, ба кино, осорхонаҳо, театрҳо, китобхонаҳо равед, забони русиро беҳтар омӯзед.

Сатҳи дониши забони русиятонро бо ёрии сайтҳо ва замимаҳои масалан: «Россия для всех» (тоҷикӣ), TORFL GO, pushkininstitute.ru – портали «Образование на русском» баланд бардоред. Барои тайёрӣ ба санҷиши тестӣ аз забони русӣ, таърих ва қонунгузории Росся ин сайтҳоро истифода бурдан мумкин аст: testcons.ru, testmigr.rudn.ru

Чорабиниҳоро оид ба робитаҳои байни миллатҳо Комитет по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге,Санкт-Петербургский Дом национальностей, ташкилотҳои ҷамъиятӣ баргузор мекунанд. Маслиҳат медиҳем, ки дар ин чорабиниҳо иштирок кунед, то ба муҳити Санкт-Петербург беҳтар ошно шавед, дар бораи фарҳанг ва анъанаҳо маълумот пайдо кунед ва дӯстони нав ёбед.

**Шумо метавонед барои гирифтани маълумот, машваратҳои бепули ҳуқуқӣ ба ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ муроҷиат намоед:**

**Рақами ягонаи ёрии фаврӣ** – 112 (аз телефонҳои доимӣ ва мобилӣ) – ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда, таҳдид ба ҳаёт ва саломатӣ.

## Дастгирии давлатӣ ва хизматрасониҳо ба муҳоҷирон

**Комитет по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге**
сайт: gov.spb.ru/gov/otrasl/kmormp/, vk.com/spbmigrant
e-mail: info@kmormp.gov.spb.ru
тел.: 8 (812) 576-28-08
Хатти доғ барои шаҳрвандони хориҷӣ: 8 (812) 576-28-67

**СПБ ГКУ «Санкт-Петербургский Дом национальностей»**
сайт: spbdn.ru, vk.com/domnac_spb
e-mail: domnac@yandex.ru тел.: 8 (812) 579-00-09

**Управление по вопросам миграции ГУ МВД России по г. Санкт-Петербургу и Ленинградской области**
сайт: 78.мвд.рф/ms
тел.: 8 (812) 573-37-22, 8 (812) 573-30-02

• отдел по вопросам трудовой миграции
ул. Красного Текстильщика, д.15 8 (812) 318-06-26

• отдел по работе с соотечественниками, беженцами и переселенцами
пр. Римского-Корсакова, д.39 8 (812) 573-22-92

• отдел миграционного учета, оформления виз и приглашений
ул. Красного Текстильщика, д. 10-12, лит. Д, 8 (812) 573-38-25

• отдел оформления разрешений на временное проживание и видов на жительство
ул. Красного Текстильщика, д. 10-12, 8 (812) 383-94-83, 8 (812) 383-94-91

**Многофункциональные центры предоставления государственных услуг (МФЦ)**
Единая справочная служба МФЦ: 8 (812) 573-90-00
Список МФЦ Санкт-Петербурга: gu.spb.ru/mfc/

**Филиал по г. Санкт-Петербургу и Ленинградской области ФГУП «Паспортно-визовый сервис» МВД РФ**
сайт: pvsmvd.ru/branches/78
e-mail: obr_spb@pvsmvd.ru
тел.: 8 (812) 703-68-78

## Ёрии бепули ҳуқуқӣ

**БФ «ПСП-фонд»**

сайт: psp-f.org, vk.com/pspfond

Хатти доғ барои шаҳрвандони хориҷӣ: 8 (953) 141-31-09

## Маълумоти муфид

**migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru** – «Добро пожаловать в Санкт-Петербург!»: интернет-хазина барои муҳоҷирон Комитета по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге

**migrussia.ru** – «Миграция и мигранты: информационный портал» (маслиҳатҳо оид ба қонунгузорӣ, робитаҳои муфид барои муҳоҷирон ва касоне, ки бо онҳо кор мекунанд)

## Захираҳои иттилоотии Санкт-Петербургского Дома национальностей

**Робитаҳои муфид барои муҳоҷирон**

http://spbdn.ru/

https://vk.com/domnac_spb

*Буклет «Полезные советы для трудовых мигрантов»*
*(на таджикском языке)*
*Разработка текста: БФ «ПСП-фонд»*
*Авторы-составители: Гончарова Д.В., Якимов А.Н.*
*Редактор: Панич Б.Л.*
*Тираж 1500 экз.*
*Изготовлено по заказу СПб ГКУ «СПб Дом национальностей» при поддержке Комитета по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге.*

Комитет по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге

Дом Национальностей Санкт-Петербург

# Хуш омадед ба Санкт-Петербург!

# Маслиҳатҳои муфид барои

## муҳоҷирони меҳнатӣ



Sankt-Peterburg
2022

## ДЎСТОНИ АЗИЗ!

Дар ин китобча шумо маслиҳатҳоеро дарёфт мекунед, ки ба шумо барои беҳтар мутобиқ шудан бо муҳити Санкт-Петербурге ёрӣ медиҳанд! Ба шумо комёбӣ мехоҳем!

## Қонунузорӣ ва ҳуҷҷатҳои муҳоҷират

Билет ё талоне, ки ба воситаи онҳо ба Россия омадаед, нигоҳ доред.

Ҳамеша бо худ шиноснома, корти муҳоҷират, регистратсия, патенти кор бо чекҳои пардохт, полиси амалкунандаи тиббиро гиред. Барои эҳтиёт ҳамаи онҳоро нусхабардорӣ кунед.

Ба тағйирот дар қонунгузории меҳнати Россия таваҷҷуҳ кунед. Ҳангоми ҷустуҷӯи маълумоти зарурӣ аз сайтҳои расмии идораҳои давлатӣ истифода баред.

Ҳуҷҷатҳои худро барои нигоҳдорӣ ба ҳеҷ кас надиҳед: ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки онҳоро маҷбуран аз шумо гирад ва рафтуои озодонаи шуморо маҳдуд кунад. Агар чунин ҳолат рӯй диҳад, ба политсия муроҷиат кунед!

Сари вақт мӯҳлати амали ҳуҷҷатҳои худро дароз кунед. Регистратсия, корти муҳоҷират ва патенти мӯҳлаташон гузашта вайронкунии қонун ба ҳисоб мераванд, ки барои ин шуморо метавонанд ҷарима банданд ё аз Россия берун кунанд.

## Баҳисобгирии муҳоҷират ва гирифтани патент

Дар суроғае, ки зиндагӣ мекунед, сабти ном кунед, вагарна шуморо ҷарима мебанданд.

Ҳамаи бачаҳои синну соли гуногун бояд дар манзили зисти волидон регистратсия шаванд.

Патенти аслиро дар Санкт-Петербург фақат дар ин ҷо гирифтан мумкин аст «Паспортно-визовом сервисе» МВД России https://pvsmvd.ru/branches/78

Дар бораи тайёр шудан ва аслӣ будани патенти кор аз ин сайт маълумот гиред https://мвд.рф/сервисы-гувм

Пардохти маблағи патент на дертар аз 1 рӯзи ба охир расидани мӯҳлати ҳар давраи он бояд иҷро шавад. Маблағро метавон ба мӯҳлати то 12 моҳи баъди гирифтани патенти кор пешакӣ пардохт кард. Агар шумо кор намекунед ва дигар асоси буданатон дар Россия мавҷуд нест, ба ҳар ҳол мӯҳлати патентро дароз бояд кард.

Мӯҳлати баҳисобгирии муҳоҷиратро ҳам мувофиқи мӯҳлати амали патент дароз кунед.

## Кор

Танҳо бо шартномаи расмии хаттӣ, ки дар он ҳамаи шартҳои кор ва пардохти музди меҳнат сабт гардидаанд, кор кунед, вагарна шуморо фиреб дода метавонанд.

Барои ҷустуҷӯйи кор сайтҳои расмиро истифода баред, масалан: «Работа в России» trudvsem.ru ё бонки вакансияҳои Санкт-Петербург r21.spb.ru

Ҳангоми ҷустуҷӯйи кор ба миёнравҳо муроҷиат накунед – онҳо метавонанд шуморо фиреб диҳанд!

Ба ёд доред, ки танҳо бо ҳамон ихтисос ва дар ҳамон минтақае, ки дар патент нишон дода шудааст, кор кардан мумкин аст. Санкт-Петербург ва вилояти Ленинград – минатақаҳои гуногун мебошанд!

Муҳим аст, ки ном ва суроғаи ташкилотеро, ки дар он кор мекунед, инчунин вазифа, ному насаб ва телефони роҳбаратонро донед. Ин маълумотҳо барои ҳимояи ҳуқуқатон даркор мешаванд.

Пулҳоро фақат ба воситаи корти махсуси бонкии ба номатон буда, ё шахсан аз муҳосибот бо имзо ва варақаи ҳисобӣ гиред. Агар ҷои кор аз шумо қарздор бошад, ҳатман забонхат талаб кунед.

Ҳамаи чизеро, ки имзо мекунед, бо диққат хонед, нусхаи онҳоро талаб кунед. Агар бо он чизе, ки ба имзо пешниҳод мекунанд, розӣ набошед, шумо метавонед аз имзо даст кашед. Ба ҳуҷҷатҳое, ки намефаҳмед, имзо нагузоред.

Дар ёд доред: ҷойи кори шумо бояд бехатар бошад, шумо уҳдадор нестед, ки рӯзе аз 8 соат ва ҳафтае беш аз 40 соат кор кунед. Андозаи музди кори Шумо ҳангоми машғулияти пурра набояд камтар аз ҳадди ақалли маош (МРОТ) бошад. Дар Санкт-Петербург МРОТ соли 2022 - 21 500 рубл аст.

Агар маошро беш аз 15 рӯз дертар диҳанд, Шумо ҳуқуқ доред мутобиқи ч.2 ст.142 Трудового кодекса РФ ба корфармо оид ба қатъ кардани кор вобаста ба напардохтани маош ариза пешниҳод кунед. Дар ин ҳолат инчунин маслиҳат медиҳем, ки бо аризаи хаттӣ ба ин суроғаҳо муроҷиат кунед: Государственную инспекцию труда ва Прокуратуру.

## Муносибат бо политсия

Агар Шумо шоҳид ё қурбонии ҷиноят гардидед, ба политсия муроҷиат намоед: шахсан ё бо рақамҳои 02 аз телефонҳои хонагӣ, 102 ё 112 – аз телефонҳои мобилӣ, сайт - www.мвд.рф

Агар кормандони политсия аз Шумо хоҳиш кунанд, ки барои тафтиши ҳуҷҷатҳо мувофиқи хазинаи маълумот ҳамроҳашон ба наздиктарин нуқтаи политсия равед, маслиҳат медиҳем, ки ба хешон ё дӯстонатон занг занед ва хабар диҳед, ки Шумо дар куҷо ҳастед ва бо кӣ суҳбат доред. Рақами нишони сарисинагӣ (жетон)-и корманди полисро бё гиред ё нависед, талаб кунед, ки шаҳодатномаи хизматияшро ба шумо нишон диҳад.

Ба ёд гиред: додани пора ҷиноят аст. Ба кормандони политсия пора надиҳед!

Агар Шуморо боздошт карданд, Шумо ба гуфтугӯи телефонӣ ҳақ доред, метавонед ҳимоятгар ва агар забони русиро нағз надонед, тарҷумонро талаб кунед. Ҳатман талаб кунед, ки ба Шумо нусхаҳои протоколҳои боздошт ва ҳуқуқвайронкунии маъмуриро диҳанд.

Агар Шуморо ғайриқонунӣ боздошт карданд ва ё ғайриқонунӣ дар идораи политсия нигоҳ медоранд, ба рақамҳои 112 ҷа 102, инчунин ба Общественную наблюдательную комиссию (ОНК) ва Уполномоченному по правам человека в Санкт-Петербурге. Муроҷиат кунед.

Дар ёд доред, ки то қарори суд шуморо метавонанд на зиёда аз 48 соат нигоҳ доранд. Кормандони политсия ҳақ надоранд, ки ҳуҷҷатҳои Шуморо ҳамчун замонати пардохти ҷарима ё дигар пардохтҳо гиранд – ин ғайриқонунӣ аст! Ҷарима танҳо бо қарори суд ё сардори шуъба оид ба муҳоҷират баста мешавадю

Агар кормандони политсия ҳуқуқҳои Шуморо поймол кунанд, аризаҳоро қабул накунанд, уҳдадориҳои худро иҷро накунанд, пора талаб кунанд ё зӯровариро истифода баранд, Шумо метавонед барои ёрӣ ба телефонҳои 112 ва 02 ё ба «Хатти доғ»-и МВД РФ: 8 (800) 222-74-47, “Телефони боварӣ”-и ” ГУ МВД по г. Санкт-Петербургу и Ленинградской области: 8 (812) 573-21-81 муроҷиат кунед.

Агар шуморо дар Центр временного содержания иностранных граждан, ҷо карда бошанд, кӯшиш кунед, ки ҳуҷҷатҳои худро зудтар барқарор кунед. Ҳатман бо консулгарии кишвари худ ё барои гирифтани ёрии бепули ҳуқуқӣ ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ муроҷиат кунед.

## Ёрии иҷтимоӣ ва тиббӣ

Барои гирифтани ёрии таъҷилии тиббӣ аз телефони мобилӣ ба рақамҳои 103 ё 112 занг занед. Ҳангоми таҳдид ба ҳаёт ва саломатӣ ба шумо уҳдадор ҳастан, ки ёрии таъҷилии тиббӣ расонанд, ҳатто полиси тиббӣ ва ҳуҷҷат надошта бошед ҳам!

Агар дар гирифтани ёрии тиббӣ мушкилот пеш ояд, ба “Хатти доғ”-и Министерства здравоохранения: 8 (812) 635-55-77 муроҷиат кунед. Умури иттилоотию маълумотдиҳии Комитета по здравоохранению Санкт-Петербурга: 8 (812) 63-555-64.

Шаҳрвандони хориҷие, ки иҷозаи истиқомат доранд, шахсони бешаҳрвандӣ ва гурезаҳое, ки дар ҳудуди Россия истиқомат мекунанд, ба гирифтани ёрии иҷтимоӣ ҳуқуқ доранд. Барои гирифтани ёрии иҷтимоӣ ба мақомоти давлатии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ муроҷиат кунед.

## Таҳсили фарзандон

Бачаҳои шаҳрвандони хориҷӣ ҳуқуқ доранд, ки бепул ба кӯдакистонҳои давлатӣ ва мактаби давлатӣ раванд ва таҳсил кунанд. Волидони бачаи синни мактабӣ мутобиқи қонун уҳдадоранд, ки ӯро ба мактаб супоранд!

Барои қабул шудан ба кӯдакистон бояд ба МФЦ-и ҷои регистратсия муроҷиат кард. Барои қабул шудан ба мактаб ба районный отдел образования ё мактаби ноҳияи худ муроҷиат кунед.

Агар дар мактаб ба Шумо ҷавоби рад доданд, ба шуъбаи маорифи ноҳия районный отдел образования муроҷиат кунед, он ҷо вазифадоранд, ки дар яке аз мактабҳо барои бачаи Шумо ҷой пайдо кунанд.

Агар бача забони русиро хуб надонад ва муошираташ бо бачаҳои рус душвор бошад, шумо метавонед барои ёрӣ ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ муроҷиат кунед. Дар Санкт-Петербург ба бачаҳои муҳоҷирон дар омӯзондани забони русӣ ташкилоти ҷамъиятии «Дети Петербурга» detipeterburga.ru машғул аст.